«Тасдиқ мекунам»
Директори Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд»
н.и.и., дотсент ____________ Ҷалилзода А. А.
«26» ___12___ 2024с.

**ХУЛОСАИ**
**кафедраи менеҷмент ва маркетинги**
**Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд»**

Диссертатсияи унвонҷӯ Ҳамроев Бахтиёр Абдунабиевич дар мавзуи «Имкониятҳои маркетингии таъминоти рақобатпазирии иқтисодиёти минтақа (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (маркетинг) дар кафедраи менеҷмент ва маркетинги Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд» иҷро шудааст.

Ҳамроев Б.А. соли 2002 ба факултети иқтисодиёт ва менеҷменти Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе дохил шуда, соли 2007 донишгоҳи мазкурро аз рӯйи ихтисоси низоми иттилоотӣ дар иқтисодиёт хатм намуда, соҳиби дипломи мутахассис гардидааст.

Фаъолияти меҳнатии худро соли 2007 ба ҳайси ассистенти кафедраи маркетинг ва тиҷорати донишгоҳи мазкур оғоз намудааст. Сипас, бо тариқи гузариш ба вазифаи муаллими калони кафедраи тиҷорат ва ҳуқуқи Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд» интиқол гардида, то соли 2021 фаъолият намудааст. Аз моҳи сентябри соли 2021 то ҳол ба вазифаи муаллими калони кафедраи менеҷмент ва маркетинги донишкадаи мазкур гузариш намуда, фаъолияти омӯзгорӣ дорад.

Мавзуи диссертатсияи Ҳамроев Б.А. дар ҷаласаи Шурои олимони Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд» санаи 30 ноябри соли 2021, протоколи №4 тасдиқ гардидааст.

Ба ҳайси роҳбари илмӣ доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисодиёти корхона ва минтақаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва

сиёсати Тоҷикистон Бойматов Алиҷон Азизович таъин гардидааст.

Маълумотнома оид ба супоридани имтиҳонҳои минимуми номзадӣ аз фанҳои таърих ва фалсафаи илм (25.10.2022), забони хориҷӣ (англисӣ) (17.02.2023) ва аз рӯи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (16.05.2024), (асос: шаҳодатномаи №5 аз 28.08.2024) аз тарафи Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд» дода шудааст.

Диссертатсияи Ҳамроев Бахтиёр Абдунабиевич дар ҷаласаи кафедраи менеҷмент ва маркетинг аз 26 декабри соли 2024, протоколи № 5/1 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзуи «Имкониятҳои маркетингии таъминоти рақобатпазирии иқтисодиёти минтақа (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» чунин хулоса қабул карда шуд:

**1. Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия**. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар заминаи Феҳристи ихтисосҳои илмӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, ба анҷом расонида шуда, он ба шиносномаи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (маркетинг) мувофиқат менамояд.

Дар марҳилаи муосири ташаккули иқтисоди бозорӣ сатҳи рақобат дар бозори истеъмолии минтақавӣ ва махсусан дар бахши озуқаворӣи он ба таври назаррас афзудааст, ки зарурати ҳалли масъалаи таъмини сатҳи пайвастаи баланди рақобатпазирии корхонаҳо, минтақа, корхонаҳои савдо ва истеҳсолие, ки дар иқтисодиёти минтақа фаъолият мекунанд, бо истифода аз имкониятҳои маркетингӣ ва афзалиятҳои рақобатиро тақозо менамояд.

Ба таҳияи стратегияи рақобатии рушди соҳибкорӣ дар минтақа, инчунин, дар корхонаҳои савдо ва истеҳсолие, ки дар бозорҳои маҳаллии озуқаворӣ фаъолият мекунанд ва онҳо барои ба даст овардани бартариятҳои рақобатӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирӣ нигаронида шудаанд, диққати нокифоя дода мешавад. Инкишофи босуръати савдо дар шаҳрҳои калон ва марказҳои вилоятҳо, мутамарказ намудани ҳаҷми зиёди талаботи босамар ва пур кардани бозор бо молҳои истеҳсоли ватанӣ ва хориҷӣ, афзоиши сатҳи рақобат зарурати диверсификатсияи фаъолияти иштирокчиён – агентҳои бозор бо роҳи пурзӯр намудани фаъолияти маркетингӣ аз ҷиҳати муайян намудани захираҳо ва имкониятҳои маркетингии баланд бардоштани рақобатпазирӣ, мусоидат барои афзоиши ҳиссаи онҳо дар бозорҳои озуқавориро тақозо мекунад.

**2. Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки**

**рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ бо қисми 8-и Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.09.2020 таҳти № 503 оид ба «Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» алоқаманд мебошад.

**3. Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 11 мақолаи илмии муаллиф, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси иқтисодиёт тавсия дода шудаанд, нашр гардидаанд ва ҳаҷми умумии корҳои чопгардида оид ба мавзуи таҳқиқшаванда 3,4 ҷ.ч.-ро ташкил медиҳад. Мақолаҳои нашргардида фарогирандаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ буда, ҳаҷми кофии маводҳои таҳқиқотӣ, таҳлилҳои оморӣ ва коркарди таҳқиқотҳо, истифодабарӣ аз нашрияҳо ва маҷмуаҳои омории мухталиф, ки ба муқаррароти илмӣ мувофиқ мебошанд, ташкил медиҳад. Натиҷаҳои муқаррароти асосӣ, хулосаву пешниҳодҳои овардашуда асоси илмии натиҷаҳои таҳқиқотиро инъикос менамоянд.

**4. Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани оиҳо**. Хулоса ва тавсияҳои илмӣ-методӣ оид ба истифодаи имкониятҳои маркетингии баланд бардоштани рақобатпазирии минтақа ва корхонаҳои соҳибкории соҳаи истеҳсолу фурӯши маҳсулоти хӯроквορӣ, ки дар диссертатсия таҳия шудаанд, дар кори амалии Раёсати рушди иқтисод, савдо ва мониторинги Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд (маълумотнома дар бораи татбиқ таҳти № 236 аз 13.06.2025), инчунин дар раванди таълим дар Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд ҳангоми тартиб додани барномаҳои таълимӣ, омода намудани курсҳои лексионӣ аз фанҳои «Маркетинг», «Таҳқиқоти маркетингӣ», «Иқтисодиёти минтақа», «Иқтисодиёти корхона», «Менеҷмент» ва ғайра (шаҳодатномаи № 1127 аз 23 декабри соли 2024) мавриди истифода қарор гирифтаанд.

**5. Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқи диссертатсионӣ.** Саҳми шахсии муаллиф дар таҳқиқи диссертатсия дар муайянкунии мақсад, предмет ва объекти таҳқиқот, дар асоснокунии назариявию методии истифодаи имкониятҳои маркетингии таъмини рақобатпазирии минтақа ва корхонаҳои соҳибкорӣ дар соҳаи истеҳсолу фурӯши молҳои озуқаворӣи вилояти Суғд зоҳир мегардад. Иштироки бевоситаи унвонҷӯ дар таҳқиқот тавассути

интишори мақолаҳои илмӣ оид ба мавзуи кор, баромадҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ ва илмию назариявии сатҳи байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва мнтақавӣ, инчунин дар санҷиши амалии натиҷаҳои диссертатсия зоҳир мегардад.

Диссертатсияи Ҳамроев Бахтиёр Абдунабиевич дар мавзуи «Имкониятҳои маркетингии таъминоти рақобатпазирии иқтисодиёти минтақа (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» ба ихтисоси интихобшуда пурра мувофиқат менамояд.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (маркетинг) мутобиқат менамояд, аз ҷумла бандҳои банди 3. Асосҳои назариявию методологии таҳқиқоти маркетингӣ. Методҳои коркарди проблемаҳои идоракунии маркетинг. Технологияҳои муосири гузаронидани таҳқиқоти маркетингии бозорҳои молу хизматрасониҳо; 14. Раванди коркард ва методҳои татбиқи стратегияи фаъолияти маркетингӣ. Стратегияи густариши сарҳадҳои бозор ва стратегияи диверсификатсия; 18. Асосҳои маркетингии баланд бардоштани рақобатпазирии молҳо/ташкилот, стратегия ва тактикаи пешбурди муборизаи рақобатӣ. Рақобати нархӣ/ғайринархӣ дар бозори молу хизматрасониҳо. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи Феҳрасти ихтисосҳои кормандони илм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаҳои илмии номзади илм ва доктори илм, бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 майи соли 2023, №6 тасдиқ гардидааст ба анҷом расонида шудааст.

Диссертатсияи Ҳамроев Бахтиёр Абдунабиевич аз муқаддима, се боб, нуҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 11 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид буда, интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 2,2 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд (бо забони аслӣ):**

1. Ҳамроев Б.А. Асосҳои методологии баҳодиҳии рақобатпазирии иқтисодиёти минтақавӣ [Матн] / Б.А. Ҳамроев // Номаи донишгоҳ. Силсилаи

илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ – Хуҷанд, 2024. – №4 (71),– С. 106 – 113 (ISSN 2077 – 4974).

2. Ҳамроев Б.А. Таҳлили стратегияҳои истифодаи имкониятҳои маркетингии минтақа дар соҳаи истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти хӯроквории [Матн] / Б.А. Ҳамроев // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ – Хуҷанд, 2024. – №3 (70),– С. 135 – 142 (ISSN 2077 – 4974).

3. Ҳамроев Б.А. Усулҳои имитатсионии ҷойгир намудани объектҳои савдои чакана [Матн] / Б.А. Ҳамроев // Ахбори академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ – Душанбе, 2023. – №2 (271),– С. 87 – 93 (ISSN 2076–2569).

4. Ҳамроев Б.А. Баланд бардоштани рақобатпазирии объектҳои савдои чакана бо истифодаи моделҳои имитатсионӣ [Матн] / Б.А. Ҳамроев // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ – Хуҷанд, 2022. – №2 (61),– С. 179 – 184 (ISSN 2077– 4974).

5. Ҳамроев Б.А. Баъзе муаммоҳои рушди савдо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Б.А. Ҳамроев // Ахбори ДДҲБСТ. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ – Хуҷанд, 2017. – №2 (71),– С. 80 – 91 (ISSN 2411–1945).

**II. Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаҳои дигар (бо забони аслӣ):**

1. Ҳамроев Б.А. Мерчендайзинг – усули таъминкунандаи рақобатпазирии корхонаҳои савдои чакана [Матн] / Б.А. Ҳамроев // Роҳҳои асосии баланд бардоштани истифодаи воситаҳои техникӣ дар истеҳсолоти аграрӣ тавассути технологияҳои энергиясарфакунанда бо автоматикунонии идоракунии раванди корҳо // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ: Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур, Душанбе, 2024. – С. 272 – 276.

2. Ҳамроев Б.А. Асосҳои назариявии рақобатпазирии корхонаҳои савдои чакана [Матн] / Б.А. Ҳамроев // Муаммоҳо ва дурнамои инкишофи савдои берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити саноатикунонии босуръат // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ: Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон – Душанбе, 2024. – С. 81 – 85.

3. Хамроев Б.А. Роль цифровой трансформации в современном маркетинге [Текст] / Б.А. Хамроев // Развитие цифровых технологий в современных условиях», посвященная «Двадцатилетию изучения и развития естественных, точных и математических наук в сфере науки и образования» (2020-2040 гг.) // Материалы II-ой международной научно-практической конференции: Таджикский государственный университет коммерции – Душанбе, 2023. – С. 307 – 308.

4. Ҳамроев Б.А. Нақши рақамикунонӣ дар соҳаи савдо [Матн] / Б.А. Ҳамроев // Масъалаҳои мубрами истифодабарии энергияи сабз ва мошинолотҳои энергиясарфкунанда дар шароити соҳаи механиконии кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ: Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур – Душанбе, 2023. – С. 179 – 183.

5. Ҳамроев Б.А. Тайёр кардани мутахассисони соҳаи савдо ҳамчун омили таъминоти рушди соҳа [Матн] / Б.А. Ҳамроев // Низоми босамари омодакунии кадрҳои муҳандисӣ – техникӣ – Асоси рушди устувории Ҷумҳурии Тоҷикистон» бахшида ба 25-солагии Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ: Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд – Хуҷанд, 2017. – С. 382 – 385.

6. Ҳамроев Б.А. Фаъолгардонии равандҳои инноватсионӣ асоси рушди соҳаҳои иқтисодӣ [Матн] / Б.А. Ҳамроев // Рушди соҳибкории инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: муаммоҳо ва роҳҳои ҳалли онҳо // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ: Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат – Душанбе, 2017. – С. 227 – 229.

Баъди шунидан ва баррасии кори диссертатсионии Ҳамроев Бахтиёр Абдунабиевич дар мавзуи «Имкониятҳои маркетингии таъминоти рақобатпазирии иқтисодиёти минтақа (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (маркетинг), хулосаи роҳбари илмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ Бойматов А.А., баромади муқарризони расмӣ: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ғозибеков С.А., номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Шарипов З.У. ва номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ниёзов Ҷ.С. ҳамчунин, муқарризони ғайрирасмӣ доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Азимов А.Ҷ., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Абдуқодиров Х.А. ва н.и.и., дотсент Машокиров Ш.У. аз руйи натиҷаҳои овоздиҳии кушод ва хулосаи кори диссертатсионӣ оид ба эътимоднокӣ, навоварӣ, аҳаммияти онҳо барои назария ва амалия, инчунин аз руйи натиҷаи асарҳои чопшудаи муаллиф шунида шуданд.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Ҳамроев Бахтиёр Абдунабиевич дар мавзуи «Имкониятҳои маркетингии таъминоти рақобатпазирии иқтисодиёти минтақа (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (маркетинг) кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи унвончӯ Ҳамроев Бахтиёр Абдунабиевич дар мавзуи «Имкониятҳои маркетингии таъминоти рақобатпазирии иқтисодиёти минтақа (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (маркетинг) бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-013-и назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи менеҷмент ва маркетинги Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд» санаи 26 декабри соли 2024, протоколи № 5/1 қабул гардидааст.

Иштирок доштанд: ҳамагӣ – 32 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 32 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

**Раиси ҷаласа,**
и.в. мудири кафедраи менеҷмент
ва маркетинги МДТ «Донишкадаи иқтисод
ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати
Тоҷикистон дар ш. Хуҷанд»,
н.и.и., дотсент _______________ **Мӯминова Н.Р.**

**Котиби ҷаласа,**
муаллими калони кафедраи менеҷмент
ва маркетинги МДТ «Донишкадаи иқтисод
ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати
Тоҷикистон дар ш. Хуҷанд» _______________ **Ҳусаинова М.К.**

**Имзоҳои Мӯминова Н.Р. ва Ҳусаинова М.К. - ро тасдиқ менамоям.**
Мудири шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ «Донишкадаи иқтисод ва савдои
Донишгоҳи давлатии тиҷорати
Тоҷикистон дар ш. Хуҷанд» _______________ **Маҳмудов Ш.У.**

**Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, ш. Хуҷанд,
кӯчаи Исмоили Сомонӣ, 169.
тел:+992 (3422) 6-03-21,
e-mail: info@iet.tj